# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна ба баррасию таҳқиқи ҷанбаҳои фолклории эчодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эчодии нависанда тахсис дода шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки бори аввал осори нависандаи маъруфи тоҷик барандаи ҷоизаи адабии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Раҳим Ҷалил аз лиҳози фолклорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, инчунин матолиби назарӣ перомуни таъсири адабиёти гуфторӣ ба адабиёти бадеӣ, тафаккури эчодии нависанда ва сабки нигориши адиб ва халқияти навиштаҳои ӯ бори аввал мавриди омӯзишу пажуҳиши вижа қарор гирифтаанд.

Навовариҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, доир ба масъалаҳои истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар назму насри Раҳим Ҷалил, хусусан оид ба асосҳои фолклории осори адиб, масъалаҳои имконот ва корбасти жанрҳои фолклорӣ, ҷойгоҳи эҷоди шифоҳии халқ дар тафаккури бадеӣ ва таъсири он ба сабку услуби нигориш ба таври густарда мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро метавон дар баррасии масъалаҳои назарӣ, адабӣ ва фолклории алоқаманд ба ҳунари нависандагии Раҳим Ҷалил дар рушди адабиёти муосири адабӣ, хусусан дар насри бадеӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ

дар шинохти раванди такомули падидаҳои адабӣ ва баррасии масоили марбут ба фолклоршиносӣ ва адабиёти муосири тоҷик маводи муфид хоҳад дод.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01. 01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, ки аз ҷумла 5 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ мазмуну муҳтавои диссертатсия фаро мегиранд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна истифодаи, мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Юсупова Мусаббе Исломовна

кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертасияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда" аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва 10.01. 01 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ 10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Саъдӣ Қосимӣ** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон;

- **Бобоалиева Зебонисо Пирмуродовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷӣ ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р. Қ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Давлатбеков Л.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Қурбонзода Р.
«5» июли соли 2024.